# ДАФТАРЧАИ КОРИИ НОЗИР

## Барои нозирон дар интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ



Ҷумҳурии Тоҷикистон
Душанбе, 2005

***Вазифаи асосие, ки дар назди намояндагони аҳзоби сиёсӣ ва номзадҳо ба вакилӣ меистад аз он иборат аст, ки ҷараёни гузаронидани интихоботи дар пешистодаро мушоҳида намоянд ва ба дурустии ҳисоби варақаҳои овоздиҳӣ мусоидат намоянд.***

***Вазифаҳои намояндаи ҳизби сиёсӣ ва ё шахси боэътимоди номзад дар интихобот пеш аз ҳама хушмуомилагӣ ва ахлоқи ҳамида, ақли солим, қобилияти пешбинӣ ва хирадмандиро тақозо менамояд. Танҳо ҳамон шахсоне метавонанд ба ин вазифа таъйин шаванд, ки дорои чунин сифатҳо бошанд.***

***Нозирон дар участкаҳои интихоботӣ пеш аз ҳама ҳизб ё номзад ба вакилии мушаххасро намояндагӣ мекунанд. Амали онҳо хоҳ мусбат бошад ва хоҳ манфӣ мустақиман ба эътибори ҳизб ё номзад таъсир мерасонад.***

Табрик ва таманнои моро қабул фармоед: Шуморо ҳизбе, ки дар он узвият доред ё номзад ба вакилӣ намояндаи худ таъйин кардааст ва Шумо бояд дар моҳи феврали соли 2005 дар участкаи интихоботие, ки ба он равона шудаед, раванди интихоботро мушоҳида кунед. Дар ин вазифа, барои гузаронидани **интихоботи воқеан озод, шаффоф ва боадолат**, ки инъикосгари иродаи мардуми Тоҷикистон аст, Шумо нақши беандоза муҳим хоҳед бозид.

Дар дафтарчаи мазкур тафсири муфассали Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихобот ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оварда нашудааст, аммо ҳар як намояндаи ҳизб ё намояндаи номзад ба вакилӣ бояд моддаҳо ва муқаррароти ин қонунро дар робита ба тартиб ва қоидаҳои овоздиҳӣ донад ва истифода карда тавонад.

Дар дафтарча иқтибосҳо аз қонун дар бораи интихобот ва низоми иштироки аҳзоби сиёсӣ дар интихоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дода шудаанд. Дафтарча василаи кориест барои шахсоне, ки ҳамчун нозир дар интихобот иштирок мекунанд.

## *Намоянда аз номи ҳизби сиёсӣ ё номзад ба вакилӣ, ки ҷараёни интихоботро назорат мекунад, кист?*

- Чунин шахс шаҳрвандест, ки ба хотири иҷро намудани кори дархостшуда, вақт ва нерӯи худро ба ҳизбе, ки дар он узвият дорад ё тарафдори он аст ва ё номзад ба вакилие, ки аз номи ӯ амал мекунад, мебахшад. Вай дар рӯзи интихобот, аз оғози овоздиҳӣ то анҷоми ба тартибдарории ҳуҷҷатҳо оид ба натиҷаҳои овоздиҳӣ ва дар ҷои намоён овехтани нусхаи протокол оид ба натиҷахои овоздиҳӣ, дар дохили участкаи интихоботии дахлдор ҳозир мешавад.

Намояндаи ҳизб ва номзад ба вакилӣ – дар як вақт ҳам нозир аст ва ҳам шоҳид. Ӯ шоҳиди воқеаҳоест, ки дар давоми рӯзи овоздиҳӣ дар ҳамон участкаи интихобот рух медиҳанд. Ҳамзамон вай ҳамчунин нозир аст, зеро ба ин кор барои он сафарбар шудааст, то шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои комиссияҳои участкаҳои интихоботӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳо ба вакилӣ битавонанд аз ҳуқуқҳои худ пурра истифода баранд ва уҳдадориҳои худро, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихобот ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи интихобот ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» муқаррар шудаанд, иҷро намоянд. Нозир ҳамчун шоҳид воқеаҳоро дар рӯзи интихобот дар дафтарчаи корӣ ба қайд мегирад ва ҳамчун нозир, бо иҷозати раиси комиссия саволҳои лозимаро мепурсад ва ақидаи худро оид ба ҳолатҳои вайронкорӣ, тарзе баён мекунад, ки раванди интихоботро халалдор насозад.

## *Назорат ба интихобот чӣ зарурат дорад?*

Иштироки намояндагони ҳизбҳо ва намояндагони номзадҳо ба вакилӣ ва нозирони байналмилалї дар интихобот барои тамоми раванди интихобот хеле муҳим аст. Иштироки онҳо дар участкаҳои интихоботӣ дар рӯзи интихобот дар ҳамаи ноҳияҳои Тоҷикистон имкон медиҳад, ки:

- *боварии аҳли ҷомеа оид ба интихобот тақвият ёбад ва дар навбати худ фаъолнокии сиёсӣ ва сатҳи иштироки шаҳрвандон дар ҷараёни интихобот афзояд;*
- *муҳити ошкоро ва аёнӣ гузаронидани интихобот таъмин гардад;*
- *сохтакорӣ ва тақаллубкорӣ дар раванди овоздиҳӣ ва ҳисоби овозҳо ҷилавгирӣ шавад;*
- *далелҳои тақаллубкорӣ, сӯиистеъмол ва амалҳои зӯроварӣ ошкор гардад ва барои бартараф сохтани онҳо чораҳо андешида шаванд;*
- *ҳангоми гузаронидани интихобот, тӯҳматзаниҳои беасос оид ба вайронкориҳо рад карда шаванд;*
- *иттилооте дастрас карда шавад, ки ба қонунгузорон, коргарони органҳои интихоботӣ барои баҳодиҳӣ ба ин маъракa кумак расонад ва дар ҳолати зарурӣ, низоми интихоботро дар оянда такмил диҳад.*

## Ҳуқуқ ва вазифаҳои нозирон

### *1. Ҳуқуқҳо*

Кафолати ҳуқуқи Шумо оид ба иштирок намудан дар ҷараёни интихобот ба ҳайси намоянда аз ҳизби сиёсӣ ё намояндаи номзад ба вакилӣ дар Моддаи 8[1] Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи интихобот ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» фароҳам оварда шудааст ва дар он муқаррар мешавад, ки:

**Ҳизбҳои сиёсӣ, ки номзадҳои худро ба вакилӣ пешбарӣ намудаанд ва номзадҳо ба вакилӣ, ки ба тарзи худпешбарӣ пешниҳод шудаанд, ҳуқуқ доранд бо тартиби муқарраргардида нозирони миллиро таъйин намоянд, ки онҳо дар рӯзи интихобот дар биноҳои овоздиҳӣ назоратро анҷом медиҳанд.**

**Нозирони миллӣ дорои ҳуқуқҳои зерин мебошанд:**

- бо рӯйхати интихобкунандагон шинос шаванд;
- аз замони ба кор оғоз кардани комиссияи участкавии интихобот то вақти тамом шудани кори он дар бинои овоздиҳӣ ҳозир бошанд;
- рафти ба интихобкунандагон додани бюлетенро мушоҳида кунанд;
- ҷараёни бекор кардани бюлетенҳои истифоданашуда ва беэътиборро мушоҳида намоянд;
- ҷараёни ҳисобкунии овозҳои интихобкунандагонро аз масофаи муайян назорат кунанд;
- бо маълумоти протоколҳои комиссияҳои участкавии интихоботӣ дар бораи натиҷаҳои овоздиҳӣ шинос шаванд;
- бо иҷозати раиси комиссияи интихоботии дахлдор саволҳо ба миён гузорад ва ҷавоби онро талаб намояд, диққати раиси комиссияро ба воқеаҳо ва фактҳои риоя накардани қонун ҷалб намоянд;

- оид ба қарор ва амали (беамалии) комиссияи интихоботӣ ба комиссияи болоии интихоботӣ ё ба суд шикоят кунанд;
- дар ҳолатҳои ҳисоботи такрории овози интихобкунандагон дар комиссияҳои дахлдор иштирок намоянд.

**Нозирони миллӣ ҳақ надоранд:**

- ба интихобкунандагон бюлетени овоздиҳӣ диҳанд;
- ба ҷои интихобкунанда бо хоҳиши ӯ барои гирифтани бюлетенҳои интихоботӣ имзо гузоранд;
- ба ҷои интихобкунанда бо хоҳиши ӯ бюлетенҳои интихоботиро пур кунанд;
- ҳангоми раванди овоздиҳӣ дар дохили ҳуҷраҳои овоздиҳӣ бошанд;
- ҳангоми гузаронидани ҳисоби бюлетенҳо дар кори аъзои комиссияи интихоботӣ иштирок кунанд;
- амалҳое содир намоянд, ки кори комиссияи интихоботиро халалдор намояд ва ё дар қабул кардани қарори комиссияи интихоботии дахлдор иштирок намоянд.

Шумо ҳамчунин метавонед:

- Ба бланкаҳои ҳисоботии замимашаванда ва дигар ҳуҷҷатҳо, агар зарур шуморед таасурот ва мулоҳизаҳои худро ворид созед.
- Агар лозим шуморед, бо дигар нозирон ва намояндагон машварат намоед.
- Дар ҳолатҳои зарурӣ аз биноҳои овоздиҳӣ хориҷ шавед ва бозгардед.

## ***<u>II. Вазифаҳо</u>***

- Қонунҳо дар бораи интихобот, низомномаҳои аз тарафи КМИР тасдиқгардида ва дастурҳоро оид ба интихобот омӯхтан;
- Бо участкаи интихоботие, ки дар он назорат мебаред, шинос шавед;
- Бо рӯйхати ҳизбҳо ва номзадҳо ба вакилӣ аз ҳавзаҳои якмандатии интихоботӣ шинос шавед;
- Ба ҳамаи аъзои комиссияи интихоботӣ худро муаррифӣ созед;
- Дар ҷараёни назорати овоздиҳӣ ва ҳисоби овозҳо ахлоқи ҳамида нишон диҳед ва аз ҳамагуна амале, ки тартиби муқарраргаштаи овоздиҳиро халалдор месозад, дар канор бошед;
- Мазмун, вақт ва ҷои содир гаштани вайронкориро сабт намоед ва аз рӯи имкон, дигар шоҳидонро нишон диҳед.
- Саволҳо пурсед, бо эродҳо муроҷиат кунед, назари худро иброз доред, вале ба ҳеҷ ваҷҳ дастур надиҳед, фармонфармоӣ накунед ва ба хулосаҳои қабулкардаи аъзои комиссияи интихоботӣ амали акс зоҳир накунед.

**Дахолати намояндагони аҳзоби сиёсӣ, номзадҳо ва шахсони боэътимоди онҳо ба ҷараёни овоздиҳӣ ва фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ манъ аст. Шахсони мазкур бо иҷозати раиси комиссияи участкаи интихоботӣ ҳуқуқ доранд савол бидиҳанд ва ба онҳо ҷавоб бигиранд, таваҷҷӯҳи аъзои комиссия ва дигаронро ба ҳодисаҳои қонуншиканӣ ҷалб созанд.**

- Шумо бояд манфиати ҳизб ё номзадро ба вакилӣ тарафдор намоед;
- Шумо ба макони овоздиҳӣ бояд 30 дақиқа то кушодашавии участкаи интихобот ҳозир шавед ва онро то замони пурра ҳисоб кардани варақаҳои овоздиҳӣ ва тартиб додану тасдиқ кардани протокол оид ба натиҷаҳои ниҳоӣ тарк накунед;

- Шумо бояд ҳисоботи худро оид ба мушоҳидаатон (ба замима нигаред) ба намояндаи ҳизби худ ё номзад ба вакилие, ки аз номи ӯ амал мекунед, фиристед.

## Дастур ва намунаҳои ҳисобот

Бо иҷро намудани дастурҳои зерин ва  пур кардани формаҳои замимашаванда Шумо метавонед дар участкаи интихоботӣ назорати босамар баред.

## ***1. Фаъолият то рӯзи овоздиҳӣ***

- Қонунҳои амалкунандаро оид ба интихобот бодиққат омӯзед.

- Эътимод пайдо кунед, ки рӯйхати интихобкунандагон дар участкаи интихоботӣ барои шиносоии умум овехта шудааст. Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба интихобот, рӯйхати овоздиҳандагон 15 рӯз пеш аз интихобот дар бинои участкаи инитихоботӣ овехта мешавад.

- Ба аъзои комиссияи участкаи инитихоботӣ худро муаррифӣ намоед.

- АЗ МАҚОМОТИ ҲИЗБИ ХУД Ё АЗ НОМЗАД БА ВАКИЛӢ ҲУҶҶАТҲОИ ЗАРУРИРО БАРОИ БУРДАНИ НАЗОРАТ ДАР ИНТИХОБОТ ДАСТРАС КУНЕД.

1. Мақомоти ҷумҳуриявӣ ё минтақавии ҳизбҳои сиёсӣ бояд аризаҳои худро бо замимаи рӯйхати намояндагони худ на дертар аз 10 рӯз пеш аз рӯзи интихобот ба комиссияҳои ҳавзавии интихибот пешниҳод намоянд. Комиссияҳои ҳавзавии интихибот баъдан ба комиссияҳои участкаҳои интихоботӣ на дертар аз 5 рӯз пеш аз рӯзи интихобот дар ин бора хабар хоҳанд дод. Ному насаб, муҳити баромади намоянда (нозир), нишонии қароргоҳи вай ва низ комиссияи интихоботие, ки вай дар он ба сифати намоянда (нозир) иштирок менамояд, бояд дар рӯйхат нишон дода шавад. Ҳизби сиёсӣ бояд ба намояндаи (нозири) худ барои ташхиси ваколаташ ҳуҷҷат диҳанд.
2. Номзадҳое, ки дар ҳавзаҳои якмандата пешбарӣ мешаванд (худпешбаришаванда) низ барои намояндагони (нозирони) худ чунин корро на дертар аз 5 рӯз пеш аз интихобот бояд анҷом диҳанд. Номзад бояд ба намояндагони (нозирони) шахсони боэътимоди худ ҳуҷҷатеро, ки ваколати ӯро ҳамчун намояндаи номзад тасдиқ мекунад, диҳад.

## ***II. Тайёрӣ ба  рӯзи интихобот***

Ба хотири таъмин намудани фаъолияти босамар ҳамчун нозир ба Шумо лозим меояд, ки маводи зеринро муҳайё созед ва дар рӯзи интихобот бо худ дошта бошед:

1. Шаҳодатнома аз тарафи ҳизби сиёсӣ ё номзад ба вакилӣ, бо нишондоди ному насаби намоянда, маҳали зист, рақам ва номи участка ва комиссияи интихоботие, ки намоянда дар он ҷо назорат мебарад.
2. Шиноснома ё ҳуҷҷати дигаре, ки шахсияти нозирро муаррифӣ мекунад.
3. Роҳнамо оид ба интихобот ва дафтарчаи кории нозир.
4. Варақҳои тоза ва васоити хатнависӣ.

Агар имкон бошад, маводҳои зеринро низ бо худ гиред:

- Соат.
- Фотоаппарат.
- Барқчароғи дастӣ.
- Маводи ғизоӣ (хӯроки сабук барои нисфирӯз), об.
- Калкулятор.

Ба Шумо лозим аст, ки соати **$5^{\underline{30}}$** субҳ, яъне ним соат пеш аз оғози овоздиҳӣ ба участкаи интихобот ҳозир шавед ва тайёрии участкаро барои кушодашавӣ мушоҳида кунед.
Масъалаи воситаи нақлиётро пеш аз рӯзи интихобот барои худ ба назар гиред.

**Баъд аз ҳозир шудан ба участкаи интихоботӣ, Шумо фавран ба кори худ шурӯъ кунед ва тамоми бандҳои аснодҳои зеринро пур кунед.**

**Нигаред ба замимаҳо;**

Ному насаби нозир ______________________________________________________

№ ҳавзаи интихоботӣ □□□□ № участкаи интихоботӣ □□□□

Номи участка______________________

Рақами телефони участка □□ □□ □□

Суроғаи участка___________________________________________________________

Вақти кушодашавии участкаи интихоботӣ □□: □□
Вақти пушидашавии участкаи интихоботӣ □□: □□
Вақти омадани Шумо □□: □□
Вақти участкаро тарк кардани Шумо □□: □□

Ному насаби раиси участкаи интихоботӣ _________________________________

______________________________________________________________________

Ному насаби муовини раиси участкаи интихоботӣ _______________________

______________________________________________________________________

Теъдоди аъзои комиссияи учаскавии интихобот, ки ҳозиранд □□□□□□

Шумораи овоздиҳандагон дар рӯйхат □□□□□□

Шумораи ниҳоии интихобкунандагон □□□□□□

Ному насаби дигар нозирони аҳзоби сиёсӣ, намояндагон ва ё шахсони боэътимоди номзадҳо ба вакилӣ

___________________________________
___________________________________
___________________________________
___________________________________
___________________________________
___________________________________

**Имзои нозир**

## ТО ОҒОЗИ ОВОЗДИҲӢ ТАФТИШ НАМОЕД

| | | Ҳа | Не |
|---|---|---|---|
| **1** | Оё участкаи интихоботӣ дуруст рақамгузорӣ шудааст?...................................................... | ☐ | ☐ |
| **2** | Мавҷудияти маводи марбута, варақаҳои овоздиҳӣ, ручка ва қоғаз?…………………… | ☐ | ☐ |
| **3** | Оё шумораи варақаҳои овоздиҳӣ кофист?............................................................................ | ☐ | ☐ |
| **4** | Қуттиҳои овоздиҳӣ то замони сурғуч ё тамғазанӣ холӣ буданд ё не?......................……… | ☐ | ☐ |
| **5** | Оё қутиҳои овоздиҳӣ дар ҳузури аъзои комиссияи участкавии интихобот ва нозирон тамға шуданд?............................................................................................................................... | ☐ | ☐ |
| **6** | Оё ҳуҷраҳои овоздиҳӣ махфияти овоздиҳиро таъмин менамоянд?…………………….. | ☐ | ☐ |
| **7** | Оё шахсоне, ки пешакӣ овоз додаанд дар рӯйхат қайд шудаанд ё не?...................................... | ☐ | ☐ |
| **8** | Оё овозҳои пешакидодашуда, дар ҳузури аъзои комиссия аз лифофаҳо гирифта ба қуттиҳои овоздиҳӣ партофта шуданд ё не?.....................................................………......................... | ☐ | ☐ |
| **9** | Оё раис ё муовини раиси комиссияи участкавии интихобот ҳузур доранд?...................... | | |

## ДАР ҶАРАЁНИ КУШОДАШАВӢ ВА ОВОЗДИҲӢ МУШОҲИДА КУНЕД

| | | Ҳа Не |
|---|---|---|
| 1 | Оё участкаи интихоботӣ дар вақти муқарраршуда кушода шуд?..................................... | ☐ ☐ |
| 2 | Оё ба нозирон ҷойе, ки аз он имкони мушоҳидаи ҳамаи паҳлӯҳои раванди интихоботро дорад, таъмин шудааст ё не?....................................................... | ☐ ☐ |
| 3 | Оё дар участкаи интихоботӣ ин ё он маводи ташвиқотӣ вуҷуд дорад?.................... | ☐ ☐ |
| 4 | Оё тартибу интизом дар навбат барои гирифтани варақаҳои интихоботӣ таъмин шудааст?....................................................................... | ☐ ☐ |
| 5 | Оё маъмурони интихобот дар участкаи интихоботӣ ҷараёни овоздиҳиро хуб ба роҳ мондаанд?.......................................................................... | ☐ ☐ |
| 6 | Оё овоздиҳандагон пеш аз гирифтани варақаи овоздиҳӣ ба рӯйхати интихобкунандагон имзо мегузоранд?................................................... | ☐ ☐ |
| 7 | Оё ба интихобкунандагон шумораи лозимии варақаҳои овоздиҳӣ дода мешавад?.......... | ☐ ☐ |
| 8 | Оё овоздиҳандагон танҳо аз тарафи аъзои комиссияи интихоботӣ ба қайд гирифта мешаванд?.......................................................................... | ☐ ☐ |
| 9 | Оё овоздиҳандагон фақат ба ҷои худ овоз медиҳанд?............................................ | ☐ ☐ |
| 10 | Оё махфӣ будани овоздиҳӣ дар тамоми рӯзи интихобот таъмин карда мешавад?...... | ☐ ☐ |
| 11 | Оё қуттиҳо барои варақаҳои овоздиҳӣ ба ҳамаи аъзои комиссияи участкаи интихоботӣ ва нозирон назаррас ҳастанд?.............................................. | ☐ ☐ |
| 12 | Оё дар ҳуҷраҳои овоздиҳӣ равшанӣ ва ҷой кифоят мекунад?......................................... | ☐ ☐ |
| 13 | Оё аъзои комиссияи интихобот (раис ва котиб) ба савол, фикру мулоҳиза ва эроду шикоятҳо ҷавоб медиҳад ё не?........................................................ | ☐ ☐ |
| 14 | Оё аъзои комиссияи интихоботӣ беғаразона амал мекунанд?...................................... | ☐ ☐ |
| 15 | Оё ҳамаи нозирон меъёрҳои ахлоқиро риоя мекунад?............................................... | ☐ ☐ |
| 18 | Оё нозирон қуттиҳои сайёрро (интиқолӣ) ҳамроҳӣ мекунанд?........................................ | ☐ ☐ |
| 19 | Оё овоздиҳӣ оромона мегузарад (бидуни ҳеҷ гуна ҳодиса)?........................................ | ☐ ☐ |
| 20 | Оё намояндагони васоити ахбори омма дар участкаи интихоботӣ ҳузур доштанд?...... | ☐ ☐ |
| 21 | Оё дар участкаи интихоботӣ нозирони миллӣ ва байналмиллалӣ ҳузур доранд?........ | ☐ ☐ |
| 22 | Оё аломатҳои ғайриқонунӣ партофтани варақаҳои овоздиҳӣ ба дохили қуттиҳо дида мешаванд?.......................................................................... | ☐ ☐ |
| 23 | Оё аломатҳои тарсонидан, харидани овоз ё дахолат ба раванди овоздиҳӣ вуҷуд доранд?.......................................................................... | ☐ ☐ |
| 24 | Оё нисбат ба нозирон ва шахсони боэътимод амалҳои таҳдидовар ё фишор зоҳир мешаванд?.......................................................................... | ☐ ☐ |
| | | |

Ному насаби нозир ______________________________________________

№ участкаи интихоботӣ ☐☐☐☐ № ҳавзаи интихоботӣ ☐☐☐☐

## ДАР РАФТИ ПӮШИДАШАВИИ ОВОЗДИҲЇ ВА ҲИСОБИ ОВОЗҲО НАЗОРАТ КУНЕД

| | | Ҳа | Не |
|---|---|---|---|
| 1 | Оё шахсоне, ки дар вақти пӯшидашавии овоздиҳӣ дар бинои овоздиҳӣ ҳузур доштанд, ба овоздиҳӣ роҳ дода шуданд ё не? | ☐ | ☐ |
| 2 | Оё участкаи интихобот кори худро сари вақт қатъ кард ё не? | ☐ | ☐ |
| 3 | Оё қутиҳои овоздиҳӣ то оғози ҳисоби овозҳо тамға доштанд? | ☐ | ☐ |
| 4 | Оё варақаҳои интихоботии истифоданашуда то кушодани қуттиҳо, ҳисоб ва нобуд карда шуданд? | ☐ | ☐ |
| 5 | Оё ҳисоби овозҳо танҳо дар ҳузури аъзои комиссияи участкавии интихобот гузаронида мешавад? | ☐ | ☐ |
| 6 | Оё қуттиҳои овоздиҳӣ дар ҳузури аъзои комиссияи участкавии интихобот ва нозирон кушода мешаванд? | ☐ | ☐ |
| 7 | Оё ҳисоби овозҳо дар ҳузури нозирон гузаронида мешавад? | ☐ | ☐ |
| 8 | Оё дар рафти ҳисоби овозҳо тартибот ҷорист? | ☐ | ☐ |
| 9 | Оё комиссияи участкавии интихобот оид ба беэътибор шумоpидани варақаи овоздиҳӣ қарор қабул кард? | ☐ | ☐ |
| 10 | Оё протокол дар 2 нусха таҳия мешавад? | ☐ | ☐ |
| 11 | Оё протоколҳо бо ручка (ранг) пур карда мешаванд? | ☐ | ☐ |
| 12 | Оё шикоятҳо, актҳо/қарорҳо ба нусхаи аввали протокол замима мешаванд? | ☐ | ☐ |
| 13 | Оё ҳарду нусха аз тарафи шумораи зиёди аъзои комиссияи участкавии интихобот имзо мешаванд? | ☐ | ☐ |
| 14 | Оё яке аз нусхаҳои протокол ба комиссияи ҳавзавии интихобот ирсол мешавад? | ☐ | ☐ |
| 15 | Оё нусхаи дуюми протокол барои шиносшавии нозирон ва шахсони боэътимоди номзадҳо фавран дар бинои учаткаи интихоботӣ овехта мешавад? | ☐ | ☐ |
| 16 | Оё интиқоли протоколҳо, бюллетенҳо ва дигар маводи интихоботӣ баъд аз ҳисоби овозҳо, ба комиссияи болоии интихобот сурат мегирад? | ☐ | ☐ |

Ному насаби нозир ______________________________________________________

№ участкаи интихоботӣ ☐☐☐☐ № ҳавзаи интихоботӣ ☐☐☐☐

Лутфан, протоколи нозирро дар саҳифаи оянда пур кунед.
Хоҳиш мекунем, сабаби мавҷуд набудани ҷавобҳо ба саволҳои дар боло зикршуда ва ҳамагуна шикояту пешниҳодҳоятонро нависед.

______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________
______________________________________________________________________________

*Ҷамъбасти овоздиҳӣ дар ҳавзаи интихоботии якмандатӣ*

| Ному насаби номзад | Теъдоди овозҳое, ки ба тарафдории номзад дода шудаанд |
|---|---|
| 1. | |
| 2. | |
| 3. | |
| 4. | |
| 5. | |
| 6. | |
| 7. | |
| 8. | |
| 9. | |
| 10. | |
| 11. | |
| 12. | |
| 13. | |

Ному насаби нозир

______________________________________________

№ участкаи интихоботӣ □□□□ № ҳавзаи интихоботӣ □□□□

***Ҷамъбасти овоздиҳӣ аз рӯи рӯйхати ҳизбҳои сиёсӣ***

| **Номгӯи ҳизб** | Теъдоди овозҳое, ки ба тарафдории ҳизб дода шудаанд |
|---|---|
| 1. | |
| 2. | |
| 3. | |
| 4. | |
| 5. | |
| 6. | |

Ному насаб ва имзои нозир ______________________
Таърих □□ □□ □□□□

Баъд аз он, ки Шумо ҳисоботи худро пурра ба анҷом мерасонед, онро фавран ба ҷои қаблан муаяйншуда расонед. Дар хотир дошта бошед, ки назорат ҳеҷ маънӣ нахоҳад дошт, агар оид ба мушоҳидаҳои худ Шумо хаттӣ ҳисобот тайёр накунед ва ба роҳбарияти ҳизб ё номзаде, ки ӯро намояндагӣ мекунед, нарасонед.

**НАМУНАИ АКТҲО**

## АКТ

Нозир оид ба ҳар як ҳодисаи қонунвайронкунӣ, ки дар участкаи интихоботӣ рух медиҳад ва худ шоҳиди он аст, акт тартиб медиҳад ва онро бо имзои дигар нозирон ва шахсони боэътимод, ки онҳо низ шоҳид ҳастанд, тасдиқ месозад. Актҳо ба комиссияҳои ҳавзавии интихобот фиристода мешаванд. Як нусхаи он ба роҳбарияти ҳизби сиёсӣ ё номзад ба вакилӣ дода мешавад. Дар ҳолатҳои зарурӣ ба суд метавон оид ба қонунвайронкуниҳои рухдода шикоят навишт. Нусхаҳои ҳамаи актҳои аз тарафи Шумо тартибдода бояд ба раиси комиссияи участкавии интихобот дода шаванд.

1. Намунаи акт, ки дар ҳолати рух додани вайронкунии қонунҳои интихобот сурат мегирад:

### АКТ

Макон_________ Участкаи интихоботии № □□□□

Таърих □□ □□ □□□□

**Ман, ………………………..,** намояндаи ҳизби ……………оид ба вайронкуниҳои зерин хабар медиҳам, ки дар вақти интихоботи Маҷлиси намояндагон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ дар рӯзи □□ феврали соли 2005 дар соати □□ : □□ дақиқа вақти маҳаллӣ дар участкаи интихоботии № □□□□ рух дод.

*Намунаҳои вайронкориҳо ба мисли:*

--Раиси комиссияи интихоботӣ хоҳиши моро, ки мехостем бо рӯйхати овоздиҳандагони дар хонаи овоздиҳӣ шинос шавем, рад кард...

---Узви комиссияи интихоботӣ (ному насаби узви комиссия) дар ҷараёни овоздиҳӣ на як бору ду бор овоздиҳандагонро (ному насаби онҳо) барои овоз додан ба ҳизби ________________________ ҳидоят кард.....

*Имзо* *Таърих* □□ □□ □□□□

Раиси участкаи интихоботӣ ______________________________

16. *Намунаи акти ҷамъбастӣ, ки ҳамаи қонунвайронкуниҳое, дар рӯзи интихобот мавҷуд буданд, нишон дода мешаванд (Хуб мешуд, ки агар акти ҷамъбастӣ аз тарафи тамоми нозироне, ки дар участка ҳузур доранд, тартиб дода шавад ва ба имзо расад)*

**АКТ**

Макон_________ Участкаи интихоботии № □□□□

Таърих □□ □□ □□□□

Мо, ___________________________ намояндагони аҳзоби ______________________________ ва номзадҳо ба вакилӣ __________________________ шоҳиди вайронкориҳои зерин гардидем, ки дар вақти гузаронидани интихоботи Маҷлиси намояндагон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ дар рӯзи □□ феврали соли 2005 соати □□: □□ дар участкаи интихоботии № □□□□ рух дод.

*Намунаҳои вайронкориҳо:*

1. Сарфи назар аз эродҳои чандинкаратаи мо, овоздиҳандагони бисёре варақаҳои зиёдатии овоздиҳӣ мегирифтанд ва ба ҳамаи ин аъмол аъзои комиссияи участкавии интихобот (ному насабашон) мусоидат мекарданд.
2. Нозирон (ному насабашон) дар участкаи интихоботӣ тавре ҷойгир кунонида шуданд, ки аз он ҷо мушоҳидаи комил гузаронидан ғайриимкон буд. Масофа то аъзои комиссияи интихоботӣ 8 – 10 метрро ташкил мекард. (хусусан назорати рафти ҳисоби овозҳо аз ин масофа ғайриимкон аст). Вақте, ки мо ба раиси комиссияи участкаи интихобот (ному насабаш) оид ба ин масъала муроҷиат кардем, ӯ ба мо чунин ҷавоб надод.
3. Раиси участкаи интихоботӣ шумораи овозҳои ба ҳар як номзад додашударо эълон накард.

Раиси участкаи интихоботӣ ______________________________

Шахси бовариноки номзад ба вакилӣ __________________________
Шахси бовариноки номзад ба вакилӣ __________________________
Намояндаи номзад ба вакилӣ ____________________________
Намояндаи ҳизб ____________________________________________
Намояндаи ҳизб ____________________________________________

Таърих □□ □□ □□□□

"_____" ____________ соли 200__
(санаи интихобот)

**ПРОТОКОЛИ № __**

комиссияи участкавии интихобот дар бораи натиҷаи овоздиҳӣ оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон дар ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ аз ҳизбҳои сиёсӣ _____ ____________
номи ҳавза

№ ___
Участкаи интихоботи № ____ ____________________________________________________________
(деҳа, шаҳрак, ноҳия, шаҳр, вилоят)

Дар натиҷаи ҳисобкунии овозҳо комиссияи участкавии интихобот муқаррар намуд:

1. Шумораи интихобкунандагоне, ки ба рӯйхат дохил карда шудаанд, ҳамчунин илова шудаанд ____________________________________________________________
2. Шумораи бюллетенҳои интихобот,ки комиссияи интихобот гирифтааст _________________________
3. Шумораи бюллетенҳое, ки ба интихобкунандагони пешакӣ овоздода дода шудааст _________________
4. Шумораи бюллетенҳои ботилшуда_______________________________________________
5. Шумораи бюллетенҳое, ки дар участка рӯзи овоздиҳи ба интихобкунандагон дода шудаанд _________
6. Шумораи бюллетенҳо дар қуттиҳои овоздиҳӣ_______________________________________
7. Шумораи бюллетенҳои эътиборнок_______________________________________________
8. Шумораи бюллетенҳои беэътибор донисташуда______________________________________

| Номи ҳизбҳои сиёсӣ (ба тартиби алифбо) | 9. Шумораи овозҳое, ки ба тарафдории ҳизби сиёсӣ дода шудаанд |
|---|---|
| | |
| | |
| | |

10. Шумораи овозҳое, ки ба муқобили ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ дода шудаанд _________________________________________________________

Раиси комиссия ____________________________________________________ _____________
Фамилия, ному насаб Имзо
Ҷонишини раиси комиссия__________________________________________ _____________
Котиби комиссия ___________________________________________________ _____________
Аъзоёни комиссия__________________________________________________ _____________
_________________________________________________________________ _____________
_________________________________________________________________ _____________
_________________________________________________________________ _____________

Протокол "____" __________________с. 200 ______ соати________________________, тартиб дода шуд

Эзоҳ: 1. Нусхаи якуми протокол бо фикру мулоҳизаи хосаи аъзоёни комиссия (агар бошанд), бюллетенҳои интихобот, арзу шикоятҳо ва қарорҳои вобаста ба онҳо қабулшуда, актҳои аз ҷониби комиссия тартиб дода шуда дарҳол ба комиссияи ҳавзавии интихобот супорида мешавад.

Нусхаҳои дуюми протокол бо рӯйхати намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳо ба вакилӣ, шахсони боэътимод, нозирон, намояндагони матбуот, телевизион ва радио то ба анҷом расидани кори комиссия дар дасти котиби комиссия нигоҳ дошта мешаванд.

2. Шумораҳое, ки дар пунктҳои 1-10 протокол нишон дода шудаанд, бо рақам ва ҳарфҳо навишта мешаванд.

3. Протокол фақат ба воситаи дастнависӣ пур карда мешавад.

Ҷ.М.

“_____” ____________ соли 200__
(санаи интихобот)

**ПРОТОКОЛИ № __**

Комиссияи участкавии интихобот дар бораи натиҷаи овоздиҳӣ оид ба интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон дар ҳавзаи якмандатии интихоботи_______________________________________________
(номи хавза)

Участкаи интихоботи № _____________________________________________________________________
_____________________________________________________________________________________
(деҳа, шаҳрак, ноҳия, шаҳр, вилоят)

Дар натичаи ҳисобкунии овозҳо комиссияи участкавии интихобот мукаррар намуд:

1. Шумораи интихобкунандагоне, ки бо рӯйхат дохил карда шудаанд, ҳамчунин илова шудаанд ________________________________________________________________________
2. Шумораи бюлетенҳои интихобот, ки комиссияи интихобот гирифтааст______________________
3. Шумораи бюлетенхое, ки ба интихобкунандагони пешакӣ овоздода дода шудааст____________
4. Шумораи бюллетенҳои ботилшуда ___________________________________________________
5. Шумораи бюллетенҳое, ки ба интихобкунандагон дар участка дар рузи овоздиҳӣ дода шудаанд_____________________________________________
6. Шумораи бюллетенҳо дар куттиҳои овоздиҳӣ__________________________________________
7. Шумораи бюллетенҳои эътиборнок__________________________________________________
8. Шумораи бюллетенҳои беэътибор дониста шуда_________________________________________

| Фамилия, ному насаби номзад ба вакилӣ (ба тартиби алифбо) | 9. Шумораи овозҳое, ки ба тарафдории номзад ба вакилӣ дода шудаанд |
|---|---|
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |
| | |

10. Шумораи овозҳое, ки ба муқобили ҳамаи номзадҳо ба вакилӣ дода шудаанд_________________________________________________

**Раиси комиссия** ________________________________________________ ____________
Фамилия, ному насаб Имзо
**Ҷонишини раиси комиссия**_________________________________________ ____________
**Котиби комиссия** ______________________________________________ ____________
**Аъзоёни комиссия**_______________________________________________ ____________
______________________________________________________________ ____________
______________________________________________________________ ____________
______________________________________________________________ ____________
______________________________________________________________ ____________
______________________________________________________________ ____________
______________________________________________________________ ____________
______________________________________________________________ ____________
______________________________________________________________ ____________
______________________________________________________________ ____________

Протокол “____” _________с. 200___,
соати_________________________, тартиб дода шуд

Эзоҳ: 1. Нусхаи якуми протокол бо фикру мулоҳизаи хосаи аъзоёни комиссия (агар бошанд), бюллетенҳои интихобот, арзу шикоятҳо ва қарорҳои вобаста ба онҳо қабулшуда, актҳои аз ҷониби комиссия тартиб дода шуда дархол ба комиссияи ҳавзавии интихобот супорида мешавад.
Нусхаҳои дуюми протокол бо рӯйхати намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳо ба вакилӣ, шахсони боэътимод, нозирон, намояндагони матбуот, телевизион ва радио то ба анҷом
расидани кори комиссия дар дасти котиби комиссия нигоҳ дошта мешаванд.
2. Шумораҳое, ки дар пунктҳои 1-10 протокол нишон дода шудаанд, бо рақам ва ҳарфҳо навишта мешаванд.
3. Протокол фақат ба воситаи дастнависӣ пур карда мешавад.

Ҷ.М.

*Дафтарчаи кории мазкур аз тарафи IFES/Ассотсиатсияи миллии сиёсатшиносони Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ, инчунин намояндагони шаш аҳзоби сиёсии бақайдгирифташуда тайёр карда шудааст. Нашри ҳуҷҷати мазкур аз тарафи Сафоратхонаи Британиёи Кабир ва Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо маблағгузорӣ шудааст.*